Ҳар кӣ чизе аз илми нуҷум биомӯзад, шохае аз ҷодугарӣ омӯхтааст, ва ҳарчи бештар биомӯзад, сеҳри бештар омӯхтааст

Аз ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳар кӣ чизе аз илми нуҷум биомӯзад, шохае аз ҷодугарӣ омӯхтааст, ва ҳарчи бештар биомӯзад, сеҳри бештар омӯхтааст".

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд, ки ҳар касе аз илми ситораҳо ва бурҷҳо ба худ касб кунад ва аз ҳаракат, вуруд ва хуруҷи онҳо бар ҳаводиси заминӣ, аз қабили марг ё зиндагӣ ё бемории фалонӣ, ё ончи дар оянда рӯй медиҳад хулоса барорад, шохае аз илми ҷодуро омухтааст. Ба ҳар андоза, ки инсон бештар аз ин илм фаро гирад, илми ҷодуро бештар фаро гирифтааст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5989